«Тасдиқ мекунам»
ректори Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав,
доктори илмҳои биологӣ, профессор
_________ Давлатзода С.Х.
«__14__» __03__ соли 2020

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ТАҚРИЗДИҲАНДА

## ба диссертатсияи Саидзода Баҳрулло Хол дар мавзӯи «Тадқиқи хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ҷиҳати дарёфти доктори илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология

**Мубрамияти мавзӯи тадқиқот.**

Амали худкушӣ зуҳуроти иҷтимоӣ буда, сабабу омилҳои гуногунро дар бар мегирад. Пайдоиши амали худкушӣ ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва муттаҳид гардидани инсонҳо ба табақаю синфҳо рост меояд. Оид ба омӯзиш ва муайян намудани сабабу омилҳои худкушӣ ҳанӯз аз замонҳои қадим тадқиқоти зиёд гузаронида шудааст. Бояд гуфт, ки дар гузашта ҷузъиётҳои ҷудогонаи масъалаи мазкур дар назарияҳои муҳаққиқони барҷаста аз қабили Арасту, А.Г. Амбурова, З. Фрейд, В.В. Суворов, И.Б. Бойко, Л.М. Костина ва ғайра бо ҳаммаслаконашон шарҳу тавзеҳ додаанд. Ба ҳамин монанд назарияҳои зиёде барои рафтори худмаҳвкунии инсонҳо дар илм ворид шудааст. Омӯзиш ва таҳқиқи пурдоманаю фарогири масъалаи мазкур то ба ҳол коҳиши ин амали зишти инсонҳоро ба даст оварда натавониста истодааст. Рӯз то рӯз, сол то сол шумораи худкушиҳо зиёд шуда, дар худ боз як анъанаи навро касб кардааст. Яъне ҷавононро ба коми марг бурда мерасонад. Бо вуҷуди ин таҳқиқ ва коҳиш додани амали худкушӣ миёни наврасону навҷавонон дар замони мо, мавзӯи камомӯхташудаи илмҳои ҷамъиятомӯзӣ ба хусус илми психология мебошад, ки мушкилоти муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шумор меравад.

Масъалаи мазкур дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз аз он ҷиҳат муҳим мебошад, ки мо дар марҳилаи комилан нави рушди илму техника ва муносибатҳои иҷтимоӣ нав ворид гардида истодаем. Аз

ин ҷиҳат, зуҳури як рисолаи илмӣ перомуни таҳқиқи масъалаи марбут ба мушкилоти ҷомеаи муосири Тоҷикистон воқеан ҳам саривақтӣ мебошад.

Тадқиқоти Саидзода Баҳрулло Хол ҳамзамон дар мавриди муайян кардани сабабу омил ва хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши хосро доро буда, аҳамияти бориз барои ҷомеа ва давлат мегузорад. Зеро ба ҳисоби миёна 65-70%-и шаҳрвандони кишварамонро наврасону ҷавонон ташкил медиҳанд. Аз ин лиҳоз рисолаи Саидзода Баҳрулло Хол афзалият ва бартариятҳои назаррасро соҳиб аст.

Диссертант дар давоми тадқиқоти худ як қатор навгониҳои илмиро ба даст овард, ки нақши онҳо дар илми психология басо калон аст.

Навгонии илмии диссертатсияи Саидзода Баҳрулло Хол аз он иборат аст, ки бори аввал масъалаи худкушӣ ҳамчун зуҳуроти психологӣ–иҷтимоӣ омӯхта шуда, таърихи таҳаввули ин падидаи номтлуби иҷтимоиро мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Раванди тадқиқотро таҳқиқи хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навчавонони майл ба худкушидошта ташкил дода, дар натиҷа:

- аввалин бор дар чорчӯбаи имконоти методологӣ кӯшиши тадқиқи хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба харҷ дода шудааст;
- кӯшиши аввалини мутобиқ намудани тестҳои психологӣ бо назардошти талаботи психометрикӣ ва шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ карда шудааст;
- хусусиятҳои синнусолӣ ва гендерии одамони майл ба худкушидошта ошкор карда шудаанд;
- муносибати фарҳанг ва динҳои гуногун, аз ҷумла динҳои асосии ҷаҳонӣ (ислом, насрония, яҳудия ва будоия) ба масъалаи худкушӣ аз мавқеи илми психология мавриди таҳлил қарор дода шудаанд;
- масъалаи ошкор кардани хусусиятҳои психологии шахсияти одамони ба худкушӣ майлдошта аз мавқеи назария, консепсия ва равияҳои илмии психологӣ баррасӣ гардидааст;
- хусусиятҳои умумии шахсони майл ба худкушидошта, инчунин алоқамандии намудҳои худкушӣ бо хусусиятҳои психологии наврасону навчавонон аз ҷиҳати назариявӣ ошкор карда шудааст;
- дар заминаи истифодаи маҷмӯи методҳои ташхисӣ хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта муайян карда шудаанд.

Сохтори рисола чун қоида радабанди шудаасст, ки яке аз талаботҳои аввалин дараҷаи диссертатсия ба ҳисоб меравад.

Муқаддимаи рисоларо муҳимияти мавзӯъ, тадқиқи илмии мавзӯъ, мақсад, вазифаҳои тадқиқот, предмети тадқиқот, навгонии тадқиқот, аҳамияти назариявию амалии тадқиқот ва умуман сохтор дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи рисола ҳадаф ва вазифаҳои пажӯҳиши диссертант ба таври мушаххас нишон дода шудааст. Ӯ тавассути истифодаи босамари шеваҳои муосири таҳқиқ аз қабили усулҳои таҳлилу таҳқиқи назариявию амалии муқоисавӣ, мушоҳидаҳои воқеӣ ва ғайра ба натиҷаҳои ҷолиби таваҷҷуҳи илмӣ роҳ ёфтааст.

Ҳамзамон муаллиф таърихи зуҳуру таҳаввул ва дурнамои мавзӯи баррасишавандаро дар фаслҳо ва зерфаслҳои рисолаи хеш равшан нишон додааст, ки он муҳимтарин фазилати назариявӣ ва амалии пажӯҳиши мазкур мебошад.

Дар фасли аввали рисола "Тавсифи назариявии хусусиятҳои психологии наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта" баррасӣ мешавад, ки он аз се зерфасл иборат аст. Муаллиф дар ин фасл назарияҳои гуногуни илмию ҷаъмиятиро мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар рисолаи мазкур, аниқтараш дар илми психология дар шароити иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал омӯзиши масъалаи худкушӣ аз дидгоҳи сарчашмаҳои таърихӣ ва бо дарназардошти воқеияти кунунии он баррасӣ мегардад. Инчунин, рисоланавис кӯшиш намудааст, ки ҳангоми омӯзиши адабиёти илмӣ ва назарияҳои мутафаккирони барҷаста, барои воқеъбинона баҳо додани амали худкушии наврасону навҷавонон аз усули муқоисавӣ истифода намояд. Гузашта аз ин муаллиф кӯшиши он кардааст, ки ҷанбаъҳои психологию иҷтимоии амали худкуширо ба ҳайси як мушкилоти муҳими илми психология ба таҳқиқ гирад.

Рисоланавис оиди сабабу омилҳои мусоидаткунандаи майли худкушии наврасону навҷавонон дар шароити муосир, ба хусус, дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро шарҳу тавзеҳ дода, онҳоро радабандӣ намудааст.

Дар асоси таҳлилу баррасии назарияҳои илмӣ, докторант қайд менамояд, ки истифодаи васеи донишҳои психологӣ дар фаъолияти корӣ, аз ҷумла, дар муассисаҳои талимӣ барои коҳиш додани амалҳои худкушӣ миёни наврасону навҷавонон ва умуман шахсони дигари худкуш натиҷабахш аст.

Фасли дуюми рисолаи мазкурро масоили "Тадқиқи амалии хусусиятҳои психологии наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта" дар бар мегирад. Диссертант дар ин фасл ба тавсифи методҳое, ки хусусиятҳои фардии шахс ва дар кадом ҳолати психикӣ

қарор доштани ӯро муайян мекунад, тамаркуз кардааст. Ӯ дар ин асно пеш аз ҳама ба методи маъмулие, ки дар ғарб машҳур аст, яъне методи "аутопсияи психологӣ" рӯ оварда, шакли истифодабарии онро тавзеҳ додааст. Методи мазкур бисёрҷанба буда, ҳангоми ташхис ба таҳқиқотчӣ иттилооти зиёдро медиҳад. Равиши истифодаи он мураккаб мебошад. Зикр намудан лозим аст, ки методи "аутопсияи психологӣ"-ро баъд аз худкушиҳои анҷомёфта истифода мекунанд. Мавзӯи диссертант, ки ба шахсони майли худкушидошта ё худкушиҳои анҷомнаёфта бахшида шудааст, аз ин лиҳоз барои ошкор намудани фарзияи худ аз панҷ методикае, ки хусусиятҳои фардӣ-психологӣ ва ҳолатҳои психикии шахсияти наврсону навҷавонони майл ба худкушидоштаро муайян мекунад, кор бурдааст. Аммо пеш аз истифодаи методикаҳо онҳоро ба забон ва фарҳангу маданияти тоҷикӣ мутобиқ намуда, баъдан барои ошкор намудани хусусиятҳои психологии шахсияти озмудашавандаҳо истифода намудааст. Дар заминаи натиҷаҳои бадастовардааш, муаллиф таъкид менамояд, ки наврасону навҷавонони майли худкушидошта, нафарони дар ҳолати афсурдаҳолӣ ва изтиробнокӣ қарордошта мебошанд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии кори диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки он хусусияти байнисоҳавӣ дорад ва натиҷаҳои дар рафти кор бадастомадаро дар тадқиқи минбаъдаи мавзӯъ дар доираи дигар илмҳо низ истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро метавон дар коркарди курсҳои таълимӣ ва навиштани дастуру китобҳои дарсӣ оид ба масъалаи рафтори суидсидӣ, ҳангоми омода кардани лексияҳо ва курсҳои махсус доир ба масъалаи тадқиқот, дар вақти тадриси фанҳои психологияи синнусолӣ, ташхиси психологӣ, психологияи иҷтимоӣ, психологияи девиантӣ ва ғайра истифода кард. Инчунин, методикаҳои мутобиқнамударо дар доираи ташхиси психологӣ ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст. Дар баробари нуктаҳои зикршуда, боз аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот дар он аст, ки таҳияи тавсияҳои оид ба таҳқики хусусиятҳои психологии наврасону навҷавонони майли худкушидошта дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян намудани омилҳои мусоидаткунандаю хатарзо мақсади рисоланавис аст. Муаллиф мақсади корро хуб матраҳ карда, илман исбот намудааст, ки то куҷо наврасону навҷавононро омилҳои зикрнамудааш то ба дараҷаи худкушӣ мебарад. Аз ҳисоби натиҷаҳои ба даст омада дар давоми тадқиқот, чунин ба назар мерасад, ки ҳамаи мақсадҳои дар пеш гузошташудаи рисоланавис ҳалли худро пайдо кардааст.

Арзиши рисола дар он аст, ки муаллиф барои пешгирӣ намудани амали худкушӣ миёни наврасону навҷавонон тавсияҳои методии хубро

ба омӯзгорону волидон ва шахсони онҳоро ивазкунанда, пешниҳод намудааст, ки ин аввалин маводи таълимӣ-иттилоотӣ ба забони тоҷикӣ мебошад. Инчунин, натиҷаҳои ба дастомада, дар заминаи таҳқиқот барои ташаккулу рушди илми психология, махсусан, психологияи амалӣ такони ҷиддӣ мебахшад.

Мавриди тазаккур аст, ки дар баробари дастовардҳои дар боло зикргаштаи диссертант дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасад, ки зикр ва такмилу таҳрири минбаъдаи онҳо аз аҳмият холӣ нест:

1. Хуб мешуд, ки диссертант ҳангоми таҳқиқот на ба панҷ методика, балки барои боз ҳам васеъ ошкор намудани хусусиятҳои психологии шахсияти худкушандаҳо шумораи методикаҳои тадқиқотро зиёд менамуд.
2. Дар охири ҳар як зерфасл ба таври васеъ хулосабарорӣ карда нашудааст.
3. Дар диаграмма ва ҷадвалҳои дар диссертатсия ҷойдошта, хатогиҳои техникӣ ва грамматикӣ ба назар мерасад.
4. Шумораи замимаҳо се ададро ташкил медиҳад, кофӣ аст, ки як ададро ҳамчун коркарди методикаҳо монаду халос.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ ва характери тавсиявӣ дошта, арзиши илмии корро ба ҳеҷ ваҷҳ кам намесозанд. Дар диссертатсияи Саидзода Баҳрулло Хол арзиши баланди илмӣ ва мазмуну мухтаво аҳамияти илмию амалӣ дошта, таҳқиқоти комилу фарогир ва баанҷомрасидаи илмӣ маҳсуб меёбад. Матн ва мазмуни автореферат ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунад. Мақолаҳои ба нашр расондаи диссертант низ фарогири масъалаҳои мухталифи мавзӯи таҳқиқотӣ мебошанд. Инчунин, тибқи талаботи муқарраргардида мақолаҳои илмии муҳаққиқ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шуда, ба нашр расидааст.

Диссертатсияи Саидзода Баҳрулло Хол дар мавзӯи «Тадқиқи хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз лиҳози мазмуну мухтаво ва сохтор ба талаботи бандҳои 10, 12, 14 ва 16-и тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 ба тасвиб расидааст, мувофиқат мекунад. Диссертант Саидзода Баҳрулло Хол барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология сазовор мебошад.

Тақриз барои ҳимояи диссертатсияи илмӣ дар кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таҳия шуда, дар ҷаласаи кафедра баррасӣ ва тасдиқ гардид. Протоколи №-8 аз «12» марти соли 2020

Раиси машваратии илмӣ-методӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент: Сидиқова З.

Котиби машваратии илмӣ-методӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент: Каримова Ш.

Ташхисгар, номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент: Қурбонов Ф.

Мудири кафедраи педагогика
ва психологияи ДДБ ба номи
Носири Хусрав, д.и.п., профессор Абдураҳимзода Қ.С.

Суроға:
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, к. Айнӣ, 67
Тел: (+992-3222) 2-45-20, 2-22-53
e-mail: ktsu78@mail.ru

Имзои З. Сидиқова, Ш. Каримова, Ф. Қурбонов,
Қ.С. Абдураҳимзода- ро тасдиқ менамоям:
Сардори Шуъбаи кадрҳои ДДБ ба номи
Носири Хусрав Амиршоев А.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО